**Тақриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Раҷабов Абубакр Ашурович дар мавзӯи «Хусусиятҳои овӣ ва сохторию маънoии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои бою ғанӣ маҳсуб ёфта, барои ҳифозати таърих, фарҳанг, санъат ва анъанаҳои миллати тоҷик шароити мусоидро фароҳам меорад.

Бойгарии ҳар як забонро маҳз таркиби луғавии бой ва қабатҳои услубии он ташкил медиҳад. Пӯшида нест, ки таркиби луғавии забон дар ҳама давру замон аз ҳисоби шеваю лаҳҷаҳо такмил меёбад. Забони тоҷикӣ низ аз ҷумлаи он забонҳоест, ки аз ҳисоби шева ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ ба таври густурда баҳра бурдааст.

Фишурдаи рисолаи номзадии Раҷабов Абубакр Ашурович дар мавзӯи «Хусусиятҳои овӣ ва сохторию маънoии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» бахшида шуда, аз муқаддима, се боб (ҳар як боб аз зербобҳо иборат аст), хулоса ва рӯйхати феҳристи адабиёт иборат аст.

Мубрамияти мавзӯъ дар он зоҳир мегардад, ки то имрӯз доир ба хусусиятҳои овӣ ва сохторию маънoии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ягон рисолаи номзадӣ рӯйи кор наомадааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки то ҳадди имкон ин мушкилоти мубрами забони тоҷикиро мавриди таҳқиқи илмӣ қарор диҳад.

Мақсади тадқиқот тасвири пурраи синхронии системаи луғати вомвожаҳои арабии шеваҳои ҷанубӣ ва мухтасар нишон додани вожаҳои фарқкунандаи онҳо дар қиёс бо забони адабии муосири тоҷик ва дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ мебошад.

Навигарии рисола дар ин аст, ки то имрӯз доир ба масъалаи таҳқиқи вижагиҳои овӣ ва сохторию маънoии калимаҳои иқтибосии

арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ рисолаи алоҳида ба вуҷуд наомадааст.

Боби якуми рисола «Хусусиятҳои овоии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷануби забони тоҷикӣ» ном дошта, муаллиф ҳангоми баррасии ин боб сабабҳои ба забони тоҷикӣ ворид шудани калимаҳои арабиро бо мисолҳои возеҳ баён намуда, ҷойгоҳи калимаҳои арабиро нисбат ба дигар калимаҳои иқтибосшуда дар забони тоҷикӣ хеле хуб арзёбӣ намудааст. Дар баробари ин, дар боби мазкур доир ба интишори калимагии овозҳои ҳалқии рӯякии айн ва ҳо-и ҳуттӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ маълумот дода, нақши ин овозҳоро дар лаҳҷаҳои вахёӣ-қаротегинӣ (лаҳҷаи Қаротегини миёна), шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб зиёдтар арзёбӣ кардааст.

Боби дуюми рисола “Хусусиятҳои луғавию маъноии калимаҳои арабӣ дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” ном дошта, муаллифи рисола дар ин боб роҷеъ ба калимаҳои синонимӣ, омонимӣ, антонимӣ, калимаҳои сермаъно, воҳидҳои фразеологии луғат бо ҷузъи арабӣ сухан ронда, таъсири забони арабиро дар лаҳҷаҳои мавриди назар аз назари луғавӣ баррасӣ намудааст.

Боби сеюми рисола – “Хусусиятҳои морфологии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ” номгузорӣ шуда, дар ин қисмати кор масъалаи бо пешванду пасвандҳои тоҷикӣ ва иқтибосоти арабӣ сохта шудани калимаҳо, иштироки калимаҳои арабӣ дар ташаккули воҳидҳои луғавии мураккаб, инчунин қолибҳои калимаҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаҳои арабӣ маълумот дода, бо мисолҳои зиёд хулосаҳои баровардаашро тасдиқ намудааст.

Хулосаи кори илмӣ ҷамъбасти тамоми бобҳои рисола маҳсуб ёфта, муаллиф дар 12 банд фикрҳояшро ҷамъбаст намудааст.

Ба ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки муаллифи фишурдаи рисола дар иншо намудани кор ба тамоми мақсаду ҳадафҳои дар пеш гузоштааш бо сарбаландӣ расидааст.

Дар фишурдаи рисола дар баробари муваффақиятҳои зиёде баъзе камбудиҳо ба назар расиданд:

1. Дар фишурдаи рисола баъзе калима ва ҷумлаҳои таҳрирталаб ба чашм расиданд [с. 4, 5, 6, 7, 10,11].

2. Фишурдаи рисола аз ғалатҳои имлоӣ, аломатгузорӣ орӣ нест [с. 4, 5, 6 ].

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои ҷойдошта қимату арзиши фишурдаи рисоларо намекоҳанд ва ислоҳшавандаанд.

Фишурдаи рисолаи Раҷабов Абубакр Ашурович кори илмии бaанҷомрасида буда, унвонҷӯ ҳадафҳои дар наздаш гузоштаро пурра анҷом додааст.

Хулоса, фишурдаи диссертатсияи Раҷабов Абубакр Ашурович ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисои 10.02.01. - Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филология, муаллими
калони кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Амлоев Аминҷон Ятимович
21.04.2021
**Нишонии муассиса:**
734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода 30
Тел: +9929 (44) 620 42 12
**Нишонии саҳифаи расмӣ:**
amloev @ mail. ru
Тел: (+992) 917 58 77 78

Имзои Амлоев А.Я.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори ШК Давлатов Х.Х.